ХУЛОСАИ

экспертӣ ба диссертатсияи Назарзода Рустам Саидмурод дар мавзӯи "Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Дар марҳалаи муосир масъалаи ташаккул ва рушди шахсияте меистад, ки ба тағйироти олами атроф ва дигаргуниҳои инноватсионӣ боэътимод мутобиқ мешавад, ҳамчунин ба фаъолияти меҳнатӣ ва рушди касбии минбаъда омода аст. Дар зиндагӣ барои инсон на танҳо захираи бузурги донишхояш, балки қобилияти дуруст арзёбӣ намудани тағйироти олами атроф ва имконияти татбиқи босаводонаи маҳорату донишҳояш дар амалия заруранд. Яке аз воситаҳои имконпазири ҳалли ин масъала низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар шакли тестгузаронии мутамарказ ва фарогир ба фазои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ илм ва хонандаро ба ҳам пайваста, робитаҳои байни донишҳо ва ҳаёти рӯзмарраи одамон, муаммоҳои пеши онҳо пайдошавандаро ошкор менамояд ва барои соҳиб шудани ҷавонон ба унвонии толибилмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ мусоидат менамояд.

Интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Назарзода Рустам Саидмурод дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад.Унвонҷӯ оид ба мавзӯи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил карор дода, дар ҳамин асос мундарича, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст.

Муҳимияти муаммои таҳқиқшаванда аз тарафи муҳаққиқ вобаста аз зарурияти ҳалли ин муаммо дар сатҳи умумидавлатӣ, соҳавӣ ва касбӣ асоснок карда шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифода шуда, замима иборат мебошад.

Асосноки ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои

марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти усул ва роҳҳои ташкили низоми самараноки имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар шакли тестгузаронии мутамарказ (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон) саҳми назаррас мегузорад.

Дар **нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф** ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст, имконият медиҳад.

Таҳлили назариявӣ, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, коркарди миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои таҳқиқот аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ташкили имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар шакли тестгузаронии мутамарказ бо инобати имконоти асосии педагогӣ ба беҳтар шудани вижагиҳои когнитивии ташаккули психологии хонандагон, афзоиши ангезанокии фаъолияти таълимӣ, ташаккули саводнокии хонандагон оварда мерасонад ва мувофикан, фарзияи тадқиқотро тасдиқ менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили диссертатсия комиссияи экспертиро ба хулоса овард, ки **навгониҳои илмии таҳқиқот**, ки дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд, ба таври асоснок ва боэътимод арзёбӣ шудааст:

1) бори нахуст дар таърихи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудани масъалаҳои марбут ба роҳандозии низоми ИМД;

2) муайян кардани мураккабию бисёрҷабҳагии мафҳуми «сифати таҳсилот» ва пешниҳоди гунаи мукаммалтари он ҳамчун мафҳуми интегралию комплексӣ;

3) асоснок карда шудани усули тестгузаронии педагогӣ дар шакли мутамарказ ва фарогир ҳамчун яке аз воситаҳои самаранок ва муосиру ояндадори санҷиш ва арзёбии дастовардҳои таълимии омӯзандагон;

4) асоснок карда шудани ИМД ҳамчун татбиқгари усули тестгузаронии мутамарказ ва фарогир дар асоси вижагиҳои хоси низоми ИМД дар санҷишу арзёбиҳои дастовардҳои таълимии омӯзандагон;

5) таҳия ва пешниҳод гардидани ду усули муаллифӣ барои коркард ва таҳлили натиҷаҳои ИМД: усули баргардонидани холҳои тест ба баҳоҳои анъанавӣ ва усули муқоиса кардани бузургиҳои ҳамгун.

Омӯзиш ва таҳлили рисола аз он далолат медиҳад. ки навовариҳои илмии рисола дар асоси таҳқиқоти ҷиддӣ ва дар сатҳи баланди илмӣ, мутобиқ ба талаботи мавҷуда гузаронидашуда, ба даст оварда шудаанд ва боэътимоданд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзӯи интихобшуда назаррас мушоҳида карда мешавад ва нуктаҳои зеринро дарбар мегирад: -иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзӯъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои ИМД ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия.

Таҳлили диссертатсияи Назарзода Р.С. имкон медиҳад, хулоса намоем, ки муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқотро равшану возеҳ ҳал намудааст, хулосаҳо ва тавсияҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок ва боэътимоданд, мундариҷаи рисола ба таври мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти таҳқиқотӣ аст. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳми назаррас мегузорад.

Дар қисмати хулосаи рисола, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии ташкили имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар шакли тестгузаронии мутамарказ (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди ташкили имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар шакли тестгузаронии мутамарказ (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода омода намудааст ва он метавонад, дар асоснок карда шудани ИМД ҳамчун татбиқгари усули тестгузаронии мутамарказ ва фарогир дар асоси вижагиҳои хоси низоми ИМД дар санҷишу арзёбиҳои дастовардҳои таълимии омӯзандагон саҳми арзишманд гузорад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои пешгузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот

асосноканд, мундаричаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Мӯҳтаво ва мундаричаи диссертатсияи Назарзода Р.С., ки дар автореферат иҷикос ёфта, ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Комиссияи ташхисӣ тибқи талаботи Низомнома оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент,профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, андешаҳои фавкро ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Назарзода Рустам Саидмурод дар мавзӯи "Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ба ҳимоя тавсия карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1). Мухаметов Гапур Бобоевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2). Қурбонова Робия Туйчиевна – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3). Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия карда мешавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Аъзоён:

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Аминҷонова М.С.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Азимова Н.С.

19.02.2021с.